“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи Миллии
Тоҷикистон доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
_________Хушвахтзода Қ.Ҳ.
“01” 09 соли 2022

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи “**Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Мубраммияти мавзӯи интихобнамудаи Ёрматов Алишер Ҷолматович бо он муайян карда мешавад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ки дар рушду нумуи фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ қадамҳои устувор гузошта, ҷаҳд дорад, ки Тоҷикистони азизамон дар радифи мамлакатҳои пешқадаму мутараққии дунё ҷойгир бошад. Аз ин рӯ, айни замон ба мо ниҳоят зарур аст, ки барои таълим ва тарбия намудан ва ба воя расонидани чунин шахсони ҳаматарафа инкишофёфта дар навбати аввал таъсир, нуфуз ва мавқеи тарбияро баланд бардошта, ба кори таълим, донишандӯзӣ ва тарбияи насли наврас ҷиддан пайвандем. Дараҷаи қобилияти фикрӣ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ватандӯстӣ, ҳимояи марзу бум, дӯстию рафоқат, накугуфторӣ, муносибатҳои хубу ҳалимона ва доираи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмиашонро ташаккул диҳем. Ташаккули маънавии насли наврси муосир аз натиҷаҳои фаъолияти педагогию ҷамъиятӣ, тайёрии касбӣ ва масъулиятнокии омӯзгор, ҷойгоҳ, симо, мартаба ва эҳтироми омӯзгор ба дониши баланду дарки маънӣ, фазилати нек, худшиносу

ҳақиқатбину худогоҳ будан ва монанди инҳо вобаста буда, дар асоси риояи принсипҳои умумибашарӣ, адолатпарварӣ, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, хайрхоҳӣ, озодандешӣ ва амсол ба инҳо бунёд ёфта, вазифаи худро аз рӯи масъулияти баланд ба роҳ монда, фаъолиятащро баҳри таълиму тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас, бахусус, ҷавонон корбаст намудан вобастагии мустақимро тақозо дорад. Аз ин рӯ, айни замон ба мо ниҳоят зарур аст, ки чунин хислатҳои наҷиби инсонӣ, аз қабили: ватандӯстию ватанпарварӣ, худогоҳию худшиносиро дар замири насли наврас эҳё ва пойдор намоем.

Дар рисолаи мазкур оварда шудааст, ки таҳқиқи таърихи пайдоиш ва ташаккули таълиму тарбия ва урфу одатҳо нисбат ба тарбияии худшиносӣ дар заминаи омӯзиши осори мутафаккирони форсу тоҷик ба роҳ монда шуда, оилимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ақидаҳои арзишманди худро оид ба ин масъала баён дошта, ба ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи истифодаи таълиму тарбияи худшиносию худогоҳии миллӣ ва тарбияи оилавии насли наврас дар шароитҳои гуногун диққат додаанд.

Бо дараназардошти гуфтаҳои боло, ошкор ва асоснок намудани таҳқиқи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ ки дар рисолаи илмии Ёрматов Алишер Ҷолматович баррасӣ гардидааст, ниҳоят мубрам арзёбӣ мешавад.

Дар диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи он дуруст муайян карда шуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаи муҳим, ба монанди омӯзиши вазъи таълиму тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ гузошта шудааст.

**Навгониҳои илмии аз таҳқиқот** бадастоварда дар он аст, ки рисолаи мазкур нахустин тадқиқоти алоҳида доир ба тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мебошад. Муаллиф дар он бори аввал дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик ақидаҳои педагогии беҳтарин намояндагони класикии тоҷику форс ва муосирро таҳлил намуда, ба ҷиҳати тарбиявии ақидаҳои онҳо диққати

махсус дода, маколаю дастурҳои методии таҳияшуда барои тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, худшиносӣ, инчунин, баланд бардоштани сифату самаранокии он мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи худшиносӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии он дар амалияи корҳои таълимӣ – тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ, машғулияти назарию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи миллӣ ва таърихи он амалӣ ва татбиқ шудаанд.

Истифодаи дастур ва тавсияҳои методии таҳияшуда барои такмил додани омодагии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба худшиносӣ, инчунин, барои баланд бардоштани сифати дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намудани онҳо кумак мерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути тарбияи худшиносӣ истифода шаванд.

Маводи таҳқиқот барои мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносӣ, филологияи тоҷик арзишманд буда, метавонад дар омӯзиши муаллимони оянда дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, инчунин, барои омӯзгорон–таҷрибаомӯзони муассисаҳои таҳсилоти асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон корбаст шавад.

Дар ибтидои диссертатсияи мазкур муқаддима зарурияти мавзӯи таҳқиқот, тавсифи асосии дастгоҳҳои илмӣ, ҳадаф; объект, маврид, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва усулҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян карда шуданд. Навгониҳои илмӣ, аҳамияту моҳияти назарӣ ва амалии таҳқиқот муяйян карда шуда, марҳилаҳои таҳқиқот,

муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва маълумот оид ба тасвиб ва тасдиқи натиҷаҳои кори озмоишӣ пешниҳод гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия - «Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ»** аз се зербоб иборат мебошад.

**Зербоби аввали рисола «Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи адабӣ – фалсафӣ ва педагогӣ»** мебошад, ки мавқеи омӯзгорони фанҳои таълимӣ дар сатҳи таълимӣ муқаррар гардидааст. Дар боби зикргардида мушкилоти тарбияи худшиносӣ ва дар рӯҳияи худогоҳии миллӣ тарбия намудни насли наврас, ки яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир буда, як қисми таркибии тарбияи миллати тоҷик маҳсуб меёбад, маълумоти муфассал оварда шудааст.

**Зербоби дувуми** боби аввал дар хусуси вазъи кунунии омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи худшиносӣ маълумоти мушаххас медиҳад.

**Дар зербоби сеюми** боби аввали рисолаи илмӣ баррасии масъалаи **«Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии мактаббачагони синфҳои 5-9 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ»** ба миён гузошта шудааст, ки усулҳои самараноки бароҳмондани тарбияи худшиносӣ, ки сарчашмаи он оила мебошад, тавассути таълим гирифтану тарбияи дуруст дидани мактаббачагон, ки мақсади асосии талаботи замони муосир ҳам дар ҳамин аст, ба ташаккули худшиносии наслҳои наврас равона шудааст.

Ин бахши рисола дар асоси таҳлил ва омӯзиши адабиёти гуногуни илмию методӣ оиди масъалаи таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ ба тариқи зайл муайян карда шудааст:

– таъсири созмонҳои муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, омӯзгорон ва падару модарон дар тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллии мактаббачагон;

– ташкил кардан ва таъмини иштироки фаъолонаи падару модарон дар тарбияи худшиносии мактаббачагон;

– ташкил ва бароҳмонии шабҳои саволу ҷавоб, конфронсҳо, семинару вохӯриҳо бо мақсади ташаккул додани худшиносии мактаббачагон;

– ҳамкории якҷояи мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули тарбияи худшиносии мактаббачагон;

– саҳми муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ҳамчун муассисаи давлатӣ дар тарбияи ҳаматарафаи мактаббачагон, алалхусус, тарбияи худшиносии онҳо;

– муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовараҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, расму оин, урфу одатва таъриху осори ниёгон мактаббачагонро тарбия ва бо донишҳои ҳаматарафаи замони муосир мусаллаҳ гардонида, ҷаҳони маънавии онҳоро ташаккул медиҳад;

– дар ҳар як дарс муаллим бояд алоқамандии маводи таълимиро бо масъалаҳои тарбиявӣ, хосатан, худшиносию худогоҳии миллӣ таъмин менамояд.

– тарбияи худшиносӣ вазифаи аввалинтдараҷаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад;

– худшиносӣ -яке аз сарчашмаҳои асосии тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ петдониста мешавад;

– дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон на танҳо вазифаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, балки вазифаи ҳар падару модар ва муаллимон ва ҷомеа мебошад;

– барои дар рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намудани мактаббачагон ҳамкории ногусастанӣ ва мунтазами мактаб, оила ва ҷомеа зарур аст;

– тарбияи мактаббачагони ҳаматарафа инкишофёфта, солимақлу фаъол, ватанпарвару раиятдӯст ва содиқ ба Ватану миллат вазифаи асосии мактаб, оила ва ҷомеа мебошад;

– алоқамандии мактаб ва оила дар асоси дастгирии ҳамдигари онҳо амалӣ карда мешавад.

**Боби дуюми диссертатсия, ки «Корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ оид ба тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ»** номгузорӣ шудааст,ки масъалаҳои коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид ба тарбияи макаббачагон дар тарбияи худшиносӣ дар раванди таълим, корҳои санҷиши доир ба тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи худшиносӣ, натиҷа, хулоса ва пешниҳодҳо оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро фаро мегирад. Асоснокии илмии корҳои озмоишӣ, яъне қисмати муҳими озмоиш аз тадбиқи шароитҳои педагогӣ, ки ба такмили сифати тайёрии мактаббачагон ба худшиносӣ мусоидат менамояд, иборат мебошад.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ дар раванди таълим аҳамияти худро аз даст намедиҳад ва ба инкишофи ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, фикррونии интиқодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии он дар амалияи корҳои таълимӣ-тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои такмили ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ, машғулияти назарию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи миллӣ ва таърихи он амалӣ ва татбиқ шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии дар он овардашуда:

– дар амалияи корҳои таълимӣ–тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандозӣ карда шудаанд.

– *машғулиятҳои назарию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи* миллӣ ва таърихи он дар ҳама факултетҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи *Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи* Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар мактабҳои олии касбии омӯзгорӣ амалӣ ва татбиқ шудаанд

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба тарбияи худшиносӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ марбут ба тарбияи худшиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ пешниҳод гардиданд;

Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падарону модарон вобаста ба масъалаҳои тарбияи худшиносию худогоҳии милӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, дар таҳсилоти олии касбии баъдидипломии хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо, унвонҷӯёну магистраҳо ва докторантҳо ва дигар кормандони соҳаи маориф ва илм, ки ба ин мавзӯъ вобастагӣ доранд, бевосита истифода кардан мумкин аст.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.** Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти микдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ба амал баровада шудааст.

Диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мазмун

ва мӯҳтавои диссертатсия ба автореферат мувофиқ буда, ҳамаи бобҳо ва зербобҳо таҳлили илмӣ гардидаанд.

Натиҷаи асосии диссертатсия дар 20 - номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 2 – тояшро дастури методӣ ва таълимӣ, 9–тояшро мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида ва 9–тои онро мақолаҳо ва маводи конференсияҳои назариявӣ ва илмӣ–таҳқиқотӣ ташкил медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**: Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мебуд агар тавсияву пешниҳодоти аз ҷониби муҳаққиқ ироашуда дар шакли таълимӣ – тарбиявӣ муассисаҳои таҳсилоти асосӣ пешниҳод карда шавад, зеро онҳо дар руҳияи шудшиносии хонандагон мусоидат менамояд.

2. Дар диссертатсия масоили вобаста ба таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила ва зимни таъмини робитаи зичи оила, мактаб ва ҷомеа хеле муфассал баррасӣ шудааст, вале нишон дода нашудааст, ки ин робитаи доимии ин се ниҳодро бо кадом роҳу воситаҳо мумкин аст, самаранок ба роҳ монда шавад.

3. Дар диссертатсия баъзе калимаву ибора ва истилоҳҳо ба тарзи номафҳум ё ғалат истифода шудаанд, ки таҳриру тадвин ва ислоҳ бояд шаванд, масалан, “вобаста ба масъалаи худшиносӣ” ба ҷои “масъалаи бастаи худшиносӣ” “таҳқиқоти хулосашаванда” ба ҷойи “таҳқиқоти ҷамъбастӣ”, “аҳамияти миёна” ба ҷойи “ҳисоби миёна”, “нишондод” ба

ҷойи “нишондиҳанда”, “аз он далолат медиҳад” ба ҷойи “аз он далолат мекунад” ё “аз он шаҳодат медиҳад” ва ғ.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои ба тозагӣ ба тасвибрасидаи имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд. Диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзӯи “**Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ёрматов Алишер Ҷолматович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеъи семинари илмӣ-методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Ёрматов Алишер Ҷолматович иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи васеи аъзоёни кафедраи умумидонишгоҳи педагогикаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон аз 31.08.2022 таҳти рақами 1 мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Натиҷа чунин аст: 14 нафар устодони

иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. Бо овоздиҳии пенҳони протоколи ҷаласаи мазкур тасдиқ карда шуд.

Тақриз аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойкулова Қизралгул Ҷуракуловна омода карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
Доктори илмҳои педагогӣ., профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДМТ — Қодиров К.Б.

Эксперт, номзади илмҳои педагогӣ., дотсент — Худойкулова Қ.Ҷ.

Котиби ҷаласа: — Тошзода С.Ҳ.

"Имзои Қодиров К.Б., Худойкулова Қ.Ҷ. ва Тошзода С.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам":

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

"02" 03 2022

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: (+992) (837) 221-30-13 (+992) (837) 221-30-13
E-mail: Ilm-dmt@mail.ru, сайт: www.tnu.tj